USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ФОНДИ ОГОХОН

# МЕҲМОНӢ ДАР БОҒ



Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Рӯзе Ёсуман дӯстонашро ба боғи нави бобояш – Хоҷаназар, ба меҳмонӣ хонд. Бобо наздашон хони пур аз меваю анвои болаззат кушод.



One day, Yosuman invited her friends to her grandpa's new garden. Her grandpa has filled the table with fruits and sweets for the party.

Медонед, дар хон чиҳо буд?



Do you know what was on the table?

**Якто** яхмоси шоҳтутӣ.



**One** mulberry yogurt.

**Ду** табакча дӯлонаи тиллоранг.



**Two** plates of golden hawthorn.

**Се** табақча себи хубонӣ.



**Three** plates of apples.

**Чор** табақча чормағзи Дарвоз.



**Four** plates of Darwaz nuts.

**Панҷ** пора тарбузи шаҳртӯсӣ.



**Five** pieces of Shahrtuz watermelon.

**Шаш** табақча шафтолуи луччак.



**Six** plates full of plain peaches.

**Ҳафт** дона ҳандалаки хушбӯй.



**Seven** delicious-smelling melons.

**Ҳашт** сар ангури ҳусайнӣ.



**Eight** bunches of grapes.

**Нӯҳ** дона ноки хушлаззат.



**Nine** yummy pears.

**Даҳ** коса душобаи мевагӣ.



**Ten** cups of fresh juice.

Наберагони бобои Хоҷаназар бо дӯстонашон зиёфат хӯрда,



The grandchildren of grandpa Khojanazar enjoyed the food with their friends and then,

баъд ба онҳо боғро тамошо доданд.



took them to see the garden.

Баъди он ҳама якҷоя ба корҳои бобои Хоҷаназар ёрӣ расонданд. Бобо хурсанд шуд.



Afterwards, everybody helped grandpa Khojanazar with his daily workload in the garden. Grandpa was happy.



## *Саволҳо:*

- Киҳо ба меҳмонӣ ва ба куҷо рафтанд?
- Дар рӯйи дастархони бобо чиҳо буд?
- Бобои доно ба ҳар як рақам анвои мувофиқ ёфта буд. Инро фаҳмидед?
- Оё шумо барои ҳар рақам номи гулу гиёҳ ва ё дарахтонро ёфта метавонед?

## *Questions:*

- Who was invited and where?
- What was on the table set up by the grandpa?
- Clever grandpa arrange the numbers with the name of fruits and sweet dishes. Did you get it?
- Can you arrange the numbers with the name of flowers, plants or trees?

## *Калонсолони гиромӣ!*

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон дода, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додани кӯдак, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадеӣ нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

***Комёбу муваффақ бошед!***

# Боз ин китобҳоро хонед!

